# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод гардидааст**

Мавзӯи таҳқиқоти пешниҳодшуда хеле муҳим ва мубрам буда, ба омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи Зарафшон бахшида шудааст. Дар рисола арзёбии ҳолати муосири захираҳои оби рӯизаминӣ бо дарназардошти омилҳои антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим ба таври мушаххас баррасӣ гардида, пешгӯии таҳаввулоти минбаъдаи онҳо пешниҳод шудааст, ки ин ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар шароити тағйирёбии иқлим ва фишорҳои техногенӣ, арзёбии дақиқи ҷараёни оби ҳавзаи дарёи Зарафшон ва таъмини устувори иқтисодиёт бо захираҳои обӣ аз масъалаҳои муҳими илмию амалӣ маҳсуб мешаванд.

Вазифаи асосӣ барқарорсозии маълумоти омории чандинсолаи гидрологӣ заминаи асосии пешгӯиҳо буда, ҳалли ин масъала бо назардошти фаромарз будани дарё ва тавозуни об талаботи мубрами замон аст.

Моҳияти автореферат дар диссертатсия хусусиятҳои даврияти гидрологӣ, сатҳи обтаъминкунии ҳавза ва асосҳои илмию амалии истифодаи самараноки захираҳои об дар шароити иқлими муосир таҳлил гардидаанд.

Муаллиф бо истифода аз моделҳои математикӣ ва таҳлили бисёрсола пешниҳод кардааст, ки сатҳи оби дарё ва даврияти гидрологӣ пешгӯӣ карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои даврияти гидрологии ҳавзаи Зарафшон ва алоқамандии он бо нишондиҳандаҳои иқлимӣ муайян гарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мониторинги иқлим ва истифодаи захираҳои обии ҳавзаи Зарафшон дар асоси маълумоти 5 дидбонгоҳи гидрометрӣ ва 13 дидбонгоҳи метеорологӣ гузаронида шуда, ин нишондиҳандаҳо барои арзёбии ҳамаҷонибаи иқлим ва ҷараёни оби дарё заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

Бо сабаби кам ё набудани дидбонгоҳҳои гидрометрӣ дар баъзе шохобҳои Зарафшон, барои ҳисоби ҳаҷми ҷараёни солонаи об аз барномаҳои ГИС (GIS) ва Google Earth истифода шуда, модули ҷараён ва масоҳати зерҳавзаҳо муайян карда шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар боби сеюми кори диссертатсионӣ таҳқиқот оид ба ҳамоҳангсозии реҷаи обгирии соҳаи обёрӣ бо реҷаи гидрологии зерҳавзаҳои норасогии обдошта инчунин мувозинаи об ва чорабиниҳо оид ба таъминоти устувори реҷаи обгирии мутобиқшуда ба реҷаи гидрологии зерҳавзаҳоро дар бар мегирад.

Муаллиф Барои бехтаркунии реҷаи гидрологӣ ва таъмини бехатарии экологӣ дар объектҳое, ки дар зерҳавзаҳои гуногун ҷойгиранд, чорабиниҳо ба чор гурӯҳи лоиҳаҳо ва самтҳо ҷудо кардааст;

- ҳифзи деҳаҳо аз сел ва беҳтаркунии ландшафтҳои ҳудуди нишебиҳои аз сел хатарноки болои деҳа;
- бартарафсозии эрозияи заминҳо, барқароркунии ландшафтҳои заминҳои нишеб ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми деҳот;
- тозакунии сойҳо, маҷроросткунӣ, барқароркунии сангқаппакҳо ва монеаҳо (бараж҆ҳо), мустаҳкамкунии соҳилҳо бо шинондани дарахтони сабз;
- маҷроросткунӣ, идоракунии заротҳо ва беҳтаркунии ландшафтҳои заминҳои обёришаванда

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбат, якчанд ҷанбаҳо сазовори таваҷҷӯҳанд:

- Таҳқиқи ҳамаҷонибаи омилҳои ташаккулдиҳандаи захираҳои обии дарёи Зарафшон имкон медиҳад, ки қонуниятҳои муосири тағйирёбии режими гидрологӣ дар шароити тағийрёбии иқлим муайян карда шаванд. Ин раванд заминаи назариявиро ҷиҳати пешгӯӣ ва баҳодиҳии дурнамои таъминоти оби минтақа боз ҳам такмил медиҳад.

- Дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои вобастагии ташаккули оби дарё аз омилҳои иқлимӣ бо усулҳои муосири математикӣ-статистикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки потенсиали гидроэкологиро бо дарназардошти талаботи рушди устувор дақиқтар арзёбӣ намоем.

- Пешниҳоди роҳҳои мушаххаси истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Зарафшон аз вазифаҳои муҳимтарини амалии ин таҳқиқот ба шумор меравад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар идоракунии маҷмӯии захираҳои об (ИМЗО) ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ амалан истифода шаванд.

Хулоса, автореферат дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ ҷиҳати баҳақшагирии оқилонаи захираҳои об, коҳиши хатари камобӣ ва хушксолӣ, (афзоиш) додани самаранокии иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист истифода шаванд. Илова бар ин, методологияи таҳлил ва моделсозии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки тағйирёбии сатҳи об ва хусусиятҳои даврияти гидрологӣ бо дарназардошти омилҳои иқлимӣ дақиқ пешгӯӣ карда шаванд.

Бо дарназардошти сатҳи баланди илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, автореферати мазкур ба талаботи муқарраргардида мувофиқ буда, барои ҳимояи расмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 2.1.37 (Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои география, профессори
кафедраи "Методикаи таълими география
ва туризм"-и факултаи географияи
ДДОТ ба номи С.Айни — Муҳаббатов Х. М.

Имзои Муҳаббатов Х.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.
«___»____________2026 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, www.tgpu.tj;
E-mail: ibfo@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83